# Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович дар мавзуи «Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)

Яке аз бахшҳои мураккабтарини забон грамматикаи он маҳсуб ёфта, олимони забоншинос тақозо мекунанд, ки ба шарҳу эзоҳи он дар амалия таваҷҷӯҳи беандоза бояд дошт. Ҳар як қисмати забоншиносӣ воҳидҳои мустақили худро доро мебошад. Калима яке воҳидҳои асосии забон ба шумор рафта дар калимасозӣ нақши бориз дорад.

Омӯзиши муқоисаи забонҳо кайҳо боз таваҷҷуҳи олимону забоншиносонро ба худ ҷалб намудааст. Забоншиносии мукоисавӣ-таърихӣ шабоҳат ва қаробатҳои сохтори забонро аз дидгоҳи назари муқоисавӣ омӯхта ба ин васила қаробати хешигарии забонҳоро муайян менамояд.

Аз ин рӯ, диссертатсияи мазкур як нигоҳи дигар оид ба омӯзиши калимасозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ буда, омӯхтани он барои боз ҳам беҳтару мувофиқтар шинохтан ва баррасӣ намудани вижагиҳои ҳамсон ва фарққунандаи ин ду забон мусоидат мекунад.

Диссертатсия аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, руйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат буда, 166 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Муаллиф баъди дар муқаддима зикр намудани мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, методҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, сарчашмаи таҳқиқот, навгонии

илмии таҳқиқот ва ғайраҳо ба таҳлили маводи аз забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҷамънамудааш шуруъ менамояд.

Боби нахусти диссертатсия «Асосҳои назариявии масъалаи омӯзиши калима ва калимасозӣ» буда, ба масъалаҳои назариявӣ бахшида шудааст. Муаллифи диссертатсия ҳар яки онҳоро бар мабнои сарчашмаҳои илмӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, фикру андешаҳои худро низ изҳор намудааст.

Қобили зикр аст, ки муаллиф дар манбаъҳои гузашта ва дар осори имрӯзаи илмӣ ба ҷои калима «вожа» истифода шуданро зикр намуда, усулҳои калимасозии забонҳои мавриди қиёсро ошкор намудааст.

Боби дигари диссертатсия «Усулҳои калимасозии сарфӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» унвон гирифта, муаллифи рисола роҳҳои калимасозии сарфиро дар забонҳои муқоисашаванда мавриди баррасии амиқи илмӣ қарор медиҳад. Боиси таъкид аст, ки муаллиф усулҳои калимасозии аффиксатсия ва ихтисораро бар маводи асарҳои аслзабон ба роҳ монда, шабоҳату тавофути онҳоро илман муайян сохта, онҳоро шарҳу эзоҳ медиҳад.

Дар боби охири диссертатсия, ки «Роҳҳои калимасозии наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» унвонгузорӣ шудааст, роҳҳои корбурди калимасозии наҳвии забонҳои тоҷикиву англисӣ таҳқиқ мегарданд.

Маҳз дар ҳамин боб муаллиф андешаҳои худро дар бораи шабоҳату фарқияти усулҳои калимасозии конверсия, субстантиватсия, вербализатсия ва калимаҳои мураккаб дар забонҳои муқоисашаванда баён мекунад.

Дар хулосаи диссертатсия бошад, муаллиф фикру андешаҳои худро дар ёздаҳ нукта баён намудааст.

Камбудиҳои фишурда дар баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ намудор мешаванд, ки сифати онро коста намегардонанд.

Автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ аст.

Хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири фишурдаи рисола оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамояд.

Дар умум, фишурдаи рисолаи илмӣ мукаммал ва саҳеҳ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Бинобар ин мавсуф сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Мудири кафедраи забоншиносии
Донишгоҳи давлатии Москва
ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе,
номзади илмҳои филологӣ Сабирова Сановбар Ғаниевна

Суроға 734002, Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш. Душанбе, кӯчаи Бохтар, 35/1
Тел.: 221-99-14
E-mail: ssanovbar@mail.ru

Имзои Сабирова С. Ғ.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи сиёсати кадрӣ
ва корҳои махсус Каримов У.Н.

ОТДЕЛ КАДРОВОЙ ПОЛИТИКИ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ